**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**АКАДЕМИЯ**

# ҲИСОБОТ

# ОИД БА НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ АКАДЕМИЯИ ВКД ДАР СОЛИ 2014

***Ҳисобот дар ҷаласаи Шӯрои олимони***
***Академияи Вазорати корҳои дохилӣ***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***
***аз «26» декабри соли 2014 муҳокима***
***ватасдиқ карда шудааст***

**ДУШАНБЕ 2014**

## Мундарича

**Пешгуфтор** ........................................................................................
**Ҳисоботи солона** ................................................................................
**Факултети № 1** ..................................................................................
Кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ..........................
Кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи хуқуқ ...........................
**Факултети № 2** ...................................................................................
Кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ .......................................................................
Кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ ..............................................................
Кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психология .........................
Кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ......................................................................
Кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии МКД ....................................
Кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии МКД.....................
Кафедраи фанҳои ҳуқуқӣ-гражданӣ ..........................................................
Кафедраи забонҳо.........................................................................................
Кафедраи тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонӣ ...................................
**Факултети № 3**...................................................................................
Кафедраи фанҳои муҳандисӣ-техникӣ.......................................................
Кафедраи такмили ихтисос ........................................................................
**Факултети № 4** ..................................................................................
Кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ .......................................................................
Кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ .............................................................
Кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавӣ ..................................................
Кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии МКД ...................................
Кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии МКД .......................
Кафедраитайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисос.................................
Кафедраи фанҳои ҳарбӣ-хизматӣ...................................................
Кафедраи омодагии касбӣ ва ҷисмонӣ..........................................
**Факултети № 5**....................................................................................
Кафедраи фанҳои тахассусӣ.......................................................
Фаъолияти ҷамъияти илмии курсантон дар кафедраҳо.......................
**Пешниҳодот** ......................................................................................
Шумораи умумии омӯзгорон дар Академияи ВКД ҶТ дар соли 2014........
Нашри маводи илмӣ-методии ҳайати профессорону омӯзгорон вакормандони илмии Академияи ВКД ҶТ дар соли 2014 **........................**
Миқдори умумии тақризҳо дар соли 2014.......................................
Миқдори конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва мизҳои мудавваре, ки дар Академияи ВКД ҶТ дар соли 2014 гузаронида шудаанд......................
Миқдори маърӯзаҳое, ки аз ҷониби омӯзгорони Академияи ВКД дар конференсияҳои дараҷаҳои гуногун пешниҳод карда шудаанд.............

# ПЕШГУФТОР

## оид ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи Вазорати корҳоидохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014

**Маҳз саъю талоши бевоситаи Ҳукумати мамлакат буд, ки дар тӯли беш аз даҳ сол Академияи Вазорати корҳои дохилӣ ба як муассисаи муқтадири таълиму тарбияи кадрҳо ва маркази пешбурди корҳои илмӣ мубаддал гардида, ба хусус дар самти робитаву ҳамкории дуҷонибабо дигар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил шудааст.**
***(Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар маросими гузоштани санги асоси бунёди бинои нави таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, 20.06.2014).***

Ҳайати устодону кормандон, докторантону адъюнктон ва шунавандагону курсантони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 дар раванди иҷрои Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба муваффақиятҳои муайян ноил гардида, барои татбиқи он кӯшиш ба харҷ додаанд. Дар соли ҷорӣ коллективи Академия динамикаи мусбиро дар самти фаъолияти илмӣ нигоҳ дошт.

Фаъолияти онҳо баҳри дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ оид ба илм ва техника, иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди тадқиқотҳои илмӣ ва иҷрои як қатор чорабиниҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин худи Академияи ВКД равона карда шуда буданд.

Соли ҳисоботӣ ба соле рост омад, ки дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ, аз ҷумлаи 20-умин солгарди Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, «600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ», вохӯрии сарварони давлатҳои Созмони Ҳамкрориҳои Шанхай ва дигар чорабиниҳо таҷлил гардиданд.

Дар ҷашни чорабиниҳои мазкур ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандониАкадемияиВКД саҳми арзандаи худро дар шакли ташкил намудан, иштирок кардан ва гузаронидани чорабиниҳои илмӣ, нашри маводи илмию методӣ, барпо намудани викторинаю озмунҳо ва ғайра гузоштаанд.

Таҷлили ин гуна ҷашнвораҳо, ки барои боз ҳам ташаккул ёфтани ҳисси худшиносию худогоҳии миллати тоҷик саҳми арзанда мегузоранд,

дар баробари аҳамияти бузурги сиёсию таърихӣ доштанашон, инчунин, аҳамияти калони илмию амалӣ низ доранд.

Аз ин ҷост, ки ҳайати профессорону омӯзгорон, адъюнктон ва шунавандагону курсантони Академияи ВКД ҶТбо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ барои иҷрои нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ камари ҳиммат баста, барои пешрафти корҳои илмӣ то андозае саҳми арзанда гузоштанд.

Соли ҳисоботӣ боз бо он хотирмон гаштааст, ки дар ҷодаи амалӣ гардонидани супоришу дастурҳои Ҷаноби Олӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёми навбатии ӯ ба МаҷлисиОлииҶумҳурииТоҷикистон бармеоянд, ва фарогири самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст, дар санаи 20 июни соли 2014 **маросими гузоштани санги асоси бинои нави таълимии Академияи Вазорати корҳоидохилии**мамлакат баргузор гардид.

Тибқи гуфтаҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, оғози бунёди ин иншоот, ки дар соли таҷлили ҷашни 20-умин солгарди Конститутсияи мамлакат сурат мегирад, нишонаи таваҷҷуҳи доимии давлату Ҳукумати кишвар барои фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбияи кадрҳои ба талаботи замонаи пешрафта ҷавобгӯй ва баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Истифодаи бинои нави таълимии Академиядарарафаи 25-солагииистиқлолиятидавлатииТоҷикистон, яъне то сентябри соли 2016 ба нақша гирифта шудааст.

Олимони Академияи ВКД дар **озмуни ҷумҳуриявии** мақолаҳо ва рисолаҳои беҳтарин, ки ба 20-солагии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда буд, фаъолона иштирок намуда, дорои 3 ҷоизаи ҷумҳуриявӣ гардиданд, аз ҷумла (ҷаласаи ҷамъбастии озмун дар санаи 28 октябри с.2014 баргузор гардид):

- Маҷидзода Ҷ.З. «Таджики. От государства Саманидов до суверенной государственности: историко-правовой анализ. Монография. – СПб.: «Реноме». 2014. – 287 с.» - дорандаи ҷоизаи 3-юм бо супоридани диплом;
- маҷаллаи маҷмӯи мақолаҳои Академияи ВКД таҳти унвони «20-соли амали Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон: нақши ҷавонон ҳамчун пойдевори ҷомеа ва ҳуқуқи инсон дар он». Душанбе: «Нашриёти ВКД ҶТ», 2014. - 344 с. - дорандаи ҷоизаи 2-юм бо супоридани диплом;
- Мирзоев С.Б., Раджабов Р.М. Становление и развитие конституционного правосудия в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе: «Эр-Граф». 2014. – 146 с.- дорандаи ҷоизаи 3-юм бо супоридани диплом.

Бояд зикр намуд, кибо ташаббуси сардори Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, генерал-майори милитсия Маҷидзода Ҷ.З. аз соли 2014

оғоз карда, маҷаллаи илмии **«Осори Академия» («Труды Академии»)соле чор маротиба нашр карда мешавад** (то соли 2014 ин маҷаллаи илмӣсоле ду маротиба нашр мешуд).

Чунин иқдом ба он асос ёфта аст, ки роҳбари Академияаввалин маротиба бо мақсади шомил шудан ба системаи байналмилалии иқтибосоварӣ чораҳои дахлдорро вобаста ба ворид намудани маҷалаи «Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» («Труды Академии») ба **«Феҳристи нашрияҳои илмии тақризӣ, ки дар онҳо бояд натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо ва дарёфти дараҷаи доктори илмҳо нашр гарданд»**(ба Номгӯи маҷалаҳое, ки ба Феҳристи ВАК-и Россия ва системаи байналмилалии иқтибосоварӣ ворид шудаанд), ки он аз ҷониби Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия ташаккул мегардад, андешид. Айни замон чорабиниҳои зарурӣ дар ин самт андешида шудаанд ва масъалаи мазкур дар арафаиҳаллу фасл қарор дорад.

Ҳамзамон, ҳайати таҳририи «Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» («Труды Академии») сифатан таҷдиди назар карда шуд ва ба он олимони барҷаста ва шинохтаи ҳам ҷумҳурӣ, ва ҳам фазои ИДМ шомил карда шуданд, ки дар интихоб кардан, омада намудан ва баҳо додани асарҳо ва дигар маҳсулҳои илмӣ кӯмаки ихтисосноки худро мерасонанд ва он чун кафолати сифатнокии маводи илмӣ баромад мекунад. Ба ҳайати таҳририи нав, аз ҷумла шахсони зерин ворид карда шудаанд:

- Раҳимзода Р.Ҳ. – номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон;
- Тохиров Ф.Т. – Арбоби шоистаи илму техникаи Тоҷикистон, академики АИ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
- Махкамзода М.А. – академики АИ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон;
- Сотиволдиев Р.Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
- Ятимов С.С. – доктори илмҳои сиёсатшиносӣ;
- Салников В.П. –Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
- Мусаев А.Н. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
- Омелин В.Н. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
- Хабибуллин А.Г. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
- Шамолов А.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
- Буриев И.Б. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
- Азимов Р.А. – доктори илмҳои техника, профессор;
- Назаров Н.Д. – доктори илмҳои ҳуқуқ;
- Шарипов Т.Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
- Алимов С.Ю. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
- Иброгимов С.И. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
- Одинаев Х.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
- Рахимов М.З. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;
- Федоров А.В. – номзади илмҳои ҳуқуқ, профессор

ва ғайра.

Ҳамзамон, боиси фахру ифтихор аст, ки бо ташаббуси сардори Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, генерал-майори милитсия Маҷидзода Ҷ.З. дар соли 2014 ҷиҳати густариш додан ва мустаҳкам намудани базаи илмии Академия, баланд бардоштани нуфузи илмии он дар миқёси муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ, инчунин тайёр намудани кадрҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар заминаи худи Академияи ВКД, **Шӯъбаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ (адъюнктура)** таъсис дода шуд.Ин иқдоми нек барои минбаъд такмил додани корҳои илмӣ дар миқиёси Академия дастоварди назаррас буда, дар рушду такомули минбаъд тарбия намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ боиси ифтихор мебошад.

Таъсис ва фаъолияти Шӯъбаи адъюнктурадарАкадемияи ВКД бо Фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсис додани аспирантура” аз 11 апрели соли 2014 таҳти № 696 пешбинӣ шуда, барои тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ аз рӯи ихтисосҳои зерин (дар 7 самтҳо) дар шаклии рӯзона (то 21 нафар) ва ғоибона (то 35 нафар) иҷозат дода шудааст:

12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат;

12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунитсипалӣ;

12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;

12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ;

12.00.11 – фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва ҳуқуқҳифзнамоӣ;

12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

Ҳамзамон, тибқи Фармоиши мазкур, аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 5майи соли 2014таҳти № 1934 Замима ба иҷозатномаи АУ № 0001040бо нишон додани ихтисосҳои аспирантура тайёр карда шуд, ки он аз ҷониби Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 8майи соли 2014 тасдиқ шудааст.

Вобаста ба амалӣ намудани ин самти фаъолият тибқи Фармони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2014 таҳти № 0158 бо замима, дар Академияи ВКД Шӯъбаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ (адъюнктура) таъсис дода шуда, воҳидҳои штатӣ ҷудо карда шуданд.

Барои дар сатҳи функсионалӣ таъмин намудани фаъолияти дурусти Шӯъбаиадъюнктура аз ҷониби Шӯрои олимони Академияи

ВКДсанадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравии дахлдор, ки фаъолияти ин сохторро ба танзим медароранд, қабул карда шуданд, аз ҷумла:

1) Низомномаи "Шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Протоколи № 3 аз 31 октябри соли 2014);

2) Низомнома "Дар бораи тартиби интихоб ва қоидаҳои қабул ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон". (Протоколи № 4 аз 28 ноябри соли 2014);

3) Низомномаи "Тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Протоколи № 4 аз 28 ноябри соли 2014).

Алҳол, барои таҳсил кардан дар адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай 27 аризаҳо ворид гаштаанд, ки онҳо аз ҷониби Комиссияи махсуси таъсисдодашуда таҳти баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дигар дастоварди калони Академияи ВКД дар самти рушди корҳои илмӣ ин **аз ҷониби Шӯро оид ба ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-тадқиқотии** назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани 2 мавзӯҳои илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД **барои панҷсолаи навбатии**солҳои 2016-2020, ки аз ҷониби бюҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, ба ҳисоб меравад.

Мавзӯи 1-ум номи «Ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иттилоотии фаъолиятиҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»(солҳои 2016-2020) («Политико-правовые и информационные аспектыправоохранительной деятельности в Республике Таджикистан»(2016-2020 гг.)) доро мебошад, ки аз ду фасл иборат аст:

1) Такмили асосҳои меъёрӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқҶумҳурии Тоҷикистон (Совершенствование нормативных основ и правоприменительной деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан);

2) Дастгирии иттилоотии фаъолиятимақомоти ҳифзи ҳуқуқҶумҳурии Тоҷикистон (Информационная поддержка деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан).

Иҷрокунандагони ин мавзӯъ ҳайати олимони самти ҳуқуқшиносӣ ва математикаю техникӣ ба ҳисоб мераванд.

Мавзӯи 2-юм номи «Омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии каҷрафтории ҷавонон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар профилактикаи ҳуқуқвайронкунӣ»(солҳои 2016-2020) («Социально-политические и социокультурные факторы девиантного поведения молодёжи в современном таджикистанском обществе и деятельность органов внутренних дел по профилактике правонарушений»(2016-2020 гг.))доро мебошад.

Иҷрокунандагони ин мавзӯъ ҳайати олимони самти философия, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб мераванд.

Боз як дастоварди назarраси Академияи ВКД аз он иборат аст, ки аввалин маротиба дар таърихи Вазорати корҳои дохилииҶумҳурии Тоҷикистон ва ҳам таърихи Академия **таҷрибаомӯзии курсантон дар хориҷи кишвар** амалӣ гардонида шуд. Ин иқдом дар асоси густариш ёфтани муносибатҳои байналмилалӣ байни Академияи ВКД ва Хазинаи Ҳанс Зайдел (Германия) ба миён омадааст ва дар асоси Нақшаи чорабиниҳои таълимӣ ва илмӣ-амалии муштарак барои соли 2014 амалӣ гардидааст (Нақшаи мазкур санаи 18 декабри соли 2013 аз ҷониби Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенанти милитсия Раҳимзода Р.Ҳ. тасдиқ шуда буд).

Дар Нақшаи мазкур ғайр аз гузаронидани таҷрибаомӯзии курсантони Академия дар Баварияи Германия, инчунингузаронидани дигар чорабиниҳои гуногуни илмӣ-таълимӣ ҳам дар заминаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар заминаи Хазинаи Ҳанс Зайдел (Германия) пешбинӣ шуда буданд.

Тибқи Нақша курсантони Академия таҳти роҳбарии сардори факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Назаров Н.Ҷ.таҷрибаомӯзродар Шӯъбачаи I-уми политсияи Бавария ва Шӯъбачаи IV-уми политсияи тайёрии Бавария дар ш.Нюрнберг гузаштанд. Таҷрибаомӯзӣ аз 17 то 30 августи соли 2014 ба вуқӯъ пайваст.

Барои гузаштанитаҷрибаомӯзӣ дар хориҷи кишвар дар Академия озмун эълон карда шуд, ки дар натиҷа беҳтарин курсантони зерин интихоб шуданд:

1. Амиршоев Ҷаҳонгир Ҷамшедович – курсанти курси 3 факултети № 2 Академияи ВКД, милитсияи қаторӣ;
2. Дусматова Нафисахон Юлдошевна – курсанти курси 2 факудтети № 2 Академияи ВКД, сержанти хурди милитсия;
3. Каримова Анна Тимуровна - курсанти курси 2 факудтети № 2 Академияи ВКД, сержанти хурди милитсия;
4. Устоев Ховар Абдуманофович - курсанти курси 2 факудтети № 2 Академияи ВКД, милитсияи қаторӣ;
5. Холбашова Модавлат Холбашовна - курсанти курси 2 факудтети № 2 Академияи ВКД, милитсияи қаторӣ.

Барномаи кории делегатсияи Академияи ВКД Тоҷикистон хеле васеъ буда, дар он шиносоӣ бо самтҳои гуногуни фаъолияти политсияи омодагии Бавария ва алалхусус, политсияи шаҳрҳои Нюрнберг, Мюнхен, Бамберг, Келхайм, Велтенбург, Наббург, Гунтсенхаузен пешбинӣ шуда буд. Ғайр аз ин, дар Барномаи корӣ дидани ҷойҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ пешбинӣ шуда буд, ки тавассути он аз таърихи мардуми Олмон делегатсия аз наздик шинос шуда, барои худ таасуроти хеле амиқ бардоштааст. Бояд қайд кард, ки гурӯҳҳои Академияи ВКД Тоҷикистон якҷоя бо курсантони Академияи политсияи Ҷумҳурии Молдова бо номи Штефан Чел Маре таҷрибаомӯзиро гузоштаанд. Мувофиқи барномаи таҷрибаомӯзӣ курсантҳо аз якчанд майдонҳои варзишӣ дид намуда,

раванди бурдани хизмати политсияи омодагии Баварияро ҳангоми гузаронидани мусобиқаҳо (алалхусус, футболро) мушоҳиданамуданд.

Дар соли равон аз **160**нафар профессорону омӯзгорон ва кормандони илмии Академияи ВКД дар иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ **105** нафар иштирок намудаанд, ки аз онҳо 4 докторҳои илм, профессорон ва **29** номзадони илм, дотсентон мебошанд.

Аз 160 нафар профессорону омӯзгорон 119 нафарашон дар факултетҳои №№ 1, 2, 3 ва 5 (ш.Душанбе) ва 41 нафарашон дар факултети № 4 (ш.Хӯҷанд) фаъолият менамоянд. Ба ин шумораи умумии омӯзгорон, инчунин дохил мешаванд:

- Муаллим-методистон – 11 нафар;
- Муаллим-методистони калон – 3 нафар;
- Сардорони кабинет – 16 нафар;
- Ходимони илмӣ – 4 нафар;
- Ходимони калони илмӣ – 1 нафар.

Омӯзгороне, ки дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ иштирок намекунанд, асосан ба кафедраҳои Тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонӣ (факултети № 2), кафедраи Такмили ихтисос (факултети № 3), кафедраи Фанҳои ҳарбӣ-хизматӣ (факултети № 4) рост меоянд.

Дар соли ҳисоботӣ дар Шӯрои олимони Академия, дар ҷаласаҳои роҳбарият ва ҷаласаҳои машваратии назди сардори Академия **37**масъалаҳои ба илм алоқаманд мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд.

Коллективи ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ, докторантон, адъюнктони Академияи ВКД корҳои илмӣ-тадқиқотиро аз рӯи 45 мавзӯъ иҷро намудаанд, ки аз онҳо 40-тояш мавзӯъҳои кафедравӣ мебошанд.

Нақшаи илмӣ-тадқиқотии Академия барои соли 2014 аз 4 фасл ва самтҳои зерин иборат мебошад:

- нақшаи гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки дорои 45 зербанд аст;

- нақшаи гузаронидани тадқиқоти диссертатсионӣ (докторӣ ва номзадӣ), ки иборат аз 23 зербанд аст;

- нақшаи доир намудани конференсияҳо, семинарҳо ва мизҳои мудаввар, ки дорои 26 зербанд аст;

- корҳои илмӣ-тадқиқотии ҷамъиятҳои илмии курсантон, ки дорои 28 банд аст.

**Самти аввал** ва муҳими фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия – ин интишор намудани маводи илмию таълимӣ ба ҳисоб меравад.Роҳбарияти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашри маводи илмию таълимӣ таваҷҷӯҳи хосса зоҳир менамояд. Дар соли 2014 теъдоде аз монографияҳо, китобҳои дарсиву дастурҳои (воситаҳои)

таълимӣ ва методӣ аз чоп баромада, дастраси профессорону омӯзгорон, курсантон ва шунавандагон гардиданд.Бояд тазаккур дод, ки ин ба пешравии илм ва ҷараёни таълим мусоидат менамояд. Интишори китобҳои дарсӣ барои курсантон ва шунавандагон яке аз вазифаҳои муҳими ҳайати профессорону омӯзгорон ба шумор рафта, барои баланд бардоштани савияи дониши курсантон ва шунавандагон заминаи хуберо фароҳам меоварад.

Миқдори умумии нашри маводи илмию методии ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар соли ҳисоботӣ **307**ададро ташкил медиҳад (дар ҳамин давраи соли 2013 –**151**номгӯй), ки аз ҷумлаи онҳо:

| | | |
|---|---|---|
| 1) | Монография | **14** |
| 2) | Китоби дарсӣ | **5** |
| 3) | Нашри илмӣ-амалӣ | **14** |
| 4) | Дастури (васоити) таълимӣ | **10** |
| 5) | Дастури таълимӣ-методӣ | **27** |
| 6) | Мақолаҳои илмӣ | **179** |
| 7) | Барномаҳои таълимӣ | **16** |
| 8) | Тақризҳо | **41** |
| 9) | Брошюра | **2** |
| **Ҳамагӣ** | | **308** |

Дар соли равон ба унвони Академия **129** супоришудархостҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо доир ба баррасӣ, таҳлил, таҳқиқ, омӯзиш ва додани баҳои ҳуқуқӣ, инчунин, таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, барномаҳои давлатию идоравӣ бахшида ба самтҳои мухталифи фаъолият ва ҳаёти ҷамъиятӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ бахшида ба фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид гардида, саривақт ба онҳо ҷавоб дар намуди **пешниҳоду таклифҳо** ва коркардҳо пешкаш шудаанд. Аз ин коркард ва пешниҳодҳо **72-**тои он танҳо барои такмил додани қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ равона карда шудаанд.

Нашри мақолаҳои илмӣ натиҷаи фаъолияти илмии профессорону омӯзгорон ва кормандонро нишон медиҳад. Дар маҷаллаи илмии "Осори Академия" ("Труды Академии") мақолаҳои олимону омӯзгорони Академия ва дигар муассисаҳои таълимии кишвар ва хориҷӣ он таълиф мешаванд. Танҳо дар маҷаллаи илмӣ-назарявии "Осори Академия" ("Труды Академии") № 1 (21), 2 (22), 3 (23) ва № 4 (24) дар умум **134** мақолаҳои илмии ба нашр расида, аз онҳо **86** мақолаҳои профессорону омӯзгорони Академияи ВКД пешкаши аҳли илм гардиданд.Дар умум бошад, аз ҷониби профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар соли равон **179** мақолаҳои илмӣ ба нашр расонида шуданд.

Мутаассифона, то ҳол ҳам дар маҷаллаи зикршуда мақолаҳои аз ҷиҳати илмӣ заъиф низ ба нашр мерасанд. Аз роҳбарони кафедраҳо хоҳиш карда мешавад, ки пеш аз ба нашр пешниҳод намудани мақолаҳо, онҳоро дар ҷаласаи кафедраҳо муҳокима намуда, арзиши илмӣ доштани онҳоро муайян намоянд. Ёдрас намудан лозим мешавад, ки мақолаҳои илмӣ танҳо бо тақризи расмии сардорони кафедра ва мутахассиси соҳа ба чоп тавсия карда мешаванд. Талабот ба чопи мақолаҳои илмиро метавон дар маҷаллаи илмии “Осори Академия” (“Труды Академии”)дарёфт намуд.

Дар матбуоти даврӣ (дар маҷалаю рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ) низ беш аз **80** мақолаҳои сиёсӣ-оммавии устодони Академия дар мавзӯҳои гуногун ба табъ расонида шудааст.

Ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар таблиғи арзишҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, хусусан наврасону ҷавонон, тарбияи онҳодаррӯҳияиватандӯстӣ,ватанпарастию хештаншиносӣваэҳтирому риояи қонун,тарбияимаданияти баланди сиёсӣ, ҳиссиватандӯстӣвамасъулиятшиносӣбахотирисулҳусубот, ваҳдати миллӣ, ободиифардоимамлакатванаслҳоиоянда, давлатдории муосири миллӣ, пешрафти минбаъдаи кишвар ба сӯиҷомеаидемократӣ, ҳуқуқбунёдвадунявӣ, инчунин, арҷгузорӣдар роҳиэъморидавлатдориинавини тоҷикон, пайвастанионбоҷомеаиҷаҳонӣваҳифзиманфиатҳоимилливудавлатӣ, таъминисулҳусубот, ваҳдатимиллӣваҳуқуқуозодиҳои инсон**низ саҳмгузор буда**, тавассути **шабакаҳои телевизионии тоҷик** (ТВ-1) дар мавзӯъҳои номбаршуда 2 маротиба баромад кардаанд.

**Самтидуюми** асосии фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия – ин тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ-педагогӣ маҳсуб мегардад, ки ин раванд сол то сол бо муассисаҳои олии хориҷиву дохилӣ густариш пайдо намуда, барои пешрафти корҳои илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Маврид ба ёдоварист, ки бо мустаҳкам шудани базаи илмии Академия ва тайёр намудани кадрҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар даврони Истиқлолият нуфузи илмии он дар микёси муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ баланд гардидааст. Бинобар ин Шӯроҳои ҳимояи диссертатсионии доктириву номзадии ҷумҳурӣ ҳамкориҳои худро бо Академияи ВКД густариш бахшида, робитаҳои илмиашонро ҳамеша бо ин муассиса қавӣ мегардонанд. Далели гуфтаҳо ин **6** маротиба ба ҳайси **муассисаи пешбаранда** таъин гардидани Академия, **5** маротиба ба сифати **оппонентони расмӣ**дар Шӯроҳои диссертатсионии гуногун баромад намудани профессорону омӯзгорониАкадемиява **11** маротиба додани тақризҳо ба авторефератҳои диссертатсияҳо мебошад.

Маълум аст, ки яке аз самтҳои назарраси корҳои илмӣ-тадқиқотиро дар Академия **тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогии** ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, соли равон чун соли қаблӣ зарфияти илмии Академия дар ин самт хеле самаранок истифода бурда шуда, аз ҷониби устодону кормандон дар маҷмӯъ **3**рисолаи номзадӣ бомуваффақият дифоъ карда шуданд. Инҳо:

1. сардори кафедраи Фанҳои ҳуқуқӣ-гражданӣ, подполковники милитсия Эшаҳмадов Ш.Ҳ. дар мавзӯи «Формирование профессионально-педагогической культуры курсантов Академии МВД Республики Таджикистан» барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ (13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маърифат (илмҳои педагогӣ)») (ш.Душанбе, 31 майи с.2014) ҳимоя намуд;
2. омӯзгори кафедраи Фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, капитани милитсия Юсуфов А.Ҳ. дар мавзӯи «Конституционно-правовые основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан в условиях чрезвычайного положения» барои дарёфти унвони номзади илмҳои ҳуқуқ (12.00.02 – «Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судӣ-конститутсионӣ; ҳуқуқи мунитсипалӣ») (ш.Москва, 24 июни с.2014) ҳимоя намуд;
3. омӯзгори кафедраи Фанҳои ҳуқуқӣ-гражданӣ, майори милитсия Ҳалимова Д.Д. дар мавзӯи «Особенности экологической политики в условиях трансформации общественных отношений (на примере Республики Таджикистан)» барои дарёфти унвони номзади илмҳои сиёсатшиносӣ (23.00.02 – институтҳои сиёсатшиносӣ, ҷараён ва технологияҳо (илмҳои сиёсатшиносӣ) (ш.Душанбе, 20 сентябри с.2014) ҳимоя намуд.

Ҳоло бошад, 2 нафар омӯзгорони Академия дар арафаи ҳимояи тадқиқоти диссертатсионӣ қарор доранд. Инҳо:

- **Тошев А.М.** (собиқ адъюнкти Академияи идоркунии ВКД Россия) – омӯзгори кафедраи Фанҳои давлтӣ-ҳуқуқӣ, майори милитсия бо диссертатсияи илмии худ дар мавзӯи «Эволюция правового статуса личности в Республике Таджикистан: историко-правовой анализ» (тахассус - 12.00.01), ки мувофиқи қарори Шӯрои Диссертатсионии Академияи идоркунии ВКД Россия ҳимояи рисолааш ба санаи 22 январи с.2015 ба нақша гирифта шудааст;
- **Каримов Х.М.** (собиқ адъюнкти Академияи идоркунии ВКД Россия) – омӯзгори кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психология, майори милитсия бо диссертатсияи илмии худ дар мавзӯи «Административно-правовое регулирование ответственности должностных лиц в Республике Таджикистан» (тахассус - 12.00.14), ки мувофиқи қарори Шӯрои Диссертатсионии Академияи идоркунии ВКД Россия ҳимояи рисолааш ба санаи 11 феврали с.2015 ба нақша гирифта шудааст.

Дар соли ҳисоботӣ барои тақвият додани самтитайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ робитаи Академия бо муассисаҳои илмии

кишварҳои хориҷӣ, ки тайи чанд соли охир ҳамкориҳои дуҷонибаи илмӣ ба роҳ монда шуда буд, бомуваффақият идома ёфта, як қатор корҳои мушаххас ба иҷро расиданд. Аз ҷумла, ҳамкориҳои манфиатбахши тарафайн бо Донишгоҳи ҳуқуқии ВКД Россия дар ш.Санкт-Петербургбуда ба имзо расида, бо Академияи идоракунии ВКД Россия, Донишгоҳи ВКД Россия дар ш.Москвабуда, Донишгоҳи ҳуқуқии ВКД Россия дар ш.Воронежбуда, Донишкадаи умумироссиягии такмили ихтисоси кормандони ВКД Россия дар ш.Домодедовобуда, Академияи ВКД Россия дар ш.Волгоградбуда густариш меёбанд.

Вобаста ба ин, соли 2014 аз тарафи Академияи ВКД номзадии 8 нафар омӯзгорон ва кормандон барои таҳсил ба адъюнктураҳои муассисаҳои олии системаи ВКД Россия пешниҳод карда шуда буданд (Пулатова Ф.Ю., Мирзорустамов М.М., Шарифзода В., Бухориев Б.Р., Ҳакимов М.С., Абдуллоев А.Р., Исмонов С.М., Бобоназаров Ф.Ш.). Аз санҷише, ки дар ВКД Тоҷикистон баргузор гардида буд, 6 нафари онҳо бомуввафақият гузаштанд. Инҳо:

1. ходими илмии ШТИваТН, лейтенанти калони милитсия Пулатова Ф.Ю. барои таҳсил ба адъюнктураи Донишгоҳи ВКД Федератсияи Россия дар ш.Санкт-Петербургбуда пешниҳод шуд (банди 8 Протоколи Шӯрои олимони Академияи ВКД таҳти № 10 аз 31 майи с.2014). Аммо мутаассифона, Пулатова Ф.Ю. аз имтиҳони дохилшавӣ (фанни Ҳуқуқи ҷиноятӣ) нагузашта, ҳоло дар ШТИваТН кор карда истодааст.

2. ходими илмии ШТИваТН, лейтенанти калони милитсия Мирзорустамов М.М. барои таҳсил ба адъюнктураи Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия пешниҳод шуд (банди 8 Протоколи Шӯрои олимони Академияи ВКД таҳти № 10 аз 31 майи с.2014). Мавсуф имтиҳонҳои дохилшавиро супорида (фалсафаи илм, забони хориҷӣ (русӣ), фанни ихтисосӣ (ташкили фаъолияти ҳуқуқҳифзнамоӣ), бо ҳайси адъюнкти факултети № 3 Академияи идоракунии ВКД Россия қабул шуд.

3. номзадии омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психология, лейтенанти калони милитсия Бухориев Б.Р. барои таҳсил ба адъюнктураи Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия пешниҳод шуд (банди 8 Протоколи Шӯрои олимони Академияи ВКД таҳти № 10 аз 31 майи с.2014) ва имтиҳонҳои дохилшавиро супорида (фалсафаи илм, забони хориҷӣ (русӣ), фанни ихтисосӣ (ҳуқуқи ҷиноятӣ), бо ҳайси адъюнкти факултети № 3 Академияи идоракунии ВКД Россия қабул шуд.

**4.** номзадии омӯзгори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, лейтенанти калони милитсия Абдуллоев А.Р. барои таҳсил ба адъюнктураи Донишгоҳи ВКД Федератсияи Россия дар ш.Москвабуда пешниҳод шуд (банди 8 Протоколи Шӯрои олимони Академияи ВКД таҳти № 10 аз 31 майи с.2014). Мавсуф имтиҳонҳои дохилшавиро супорида (фалсафаи илм, забони хориҷӣ (англисӣ), фанни ихтисосӣ (назарияи давлат ва ҳуқуқ), ба ҳайси адъюнкти Донишгоҳи ВКД

Федератсияи Россия дар ш.Москвабуда қабул шуд. **Аммо бо сабабҳои бофтаю сохтабо хоҳиши худ аз адъюнктураи мазкур хориҷ шуд. Ҳоло бошад ба ҳайси омӯзгори кафедраи Фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ кор мекунад.**

**5.** номзадии омӯзгор-методисти Шӯъбаи таълим (ҳоло омӯзгори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ), лейтенанти калони милитсия Ҳакимов М.С. барои таҳсил ба адъюнктураи Академияи ВКД Федератсияи Россия дар ш.Омскбуда пешниҳод шуд (банди 8 Протоколи Шӯрои олимони Академияи ВКД таҳти № 10 аз 31 майи с.2014). **Аммо ӯ низ бо сабабҳои бофтаю сохтабарои супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба ш.Омск нарафт ва ҳоло бошад, дар кафедраи Мурофиаи ҷиноятӣ кор карда истодааст.**

6. номзадии омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психология, майори милитсия Шарифзода В. барои таҳсил ба адъюнктураи Академияи ВКД Федератсияи Россия дар ш.Волгоградбуда пешниҳод шуд (банди 2 «а» Протоколи Шӯрои олимони Академияи ВКД таҳти № 2 аз 30 сентябри с.2013) ва имтиҳонҳои дохилшавиро супорида (фалсафаи илм, забони хориҷӣ (русӣ), фанни ихтисосӣ (ҳуқуқи ҷиноятӣ), бо ҳайси адъюнкти Академияи ВКД Федератсияи Россия дар ш.Волгоградбуда қабул шуд.

Лейтенанти калони милитсия Бобоназаров Ф.Ш. (омӯзгори кафедраи Фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ) бо гирифтани 70 балл ва Исмонов С.М. (омӯзгори кафедраи Ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии МКД) бо гирифтани 60 балл аз имтиҳони ВКД нагузаштанд (сабаби нагузаштан пеш аз хама дар суст донистани забони русӣ буд).

Инчунин, дар соли равон дар раванди тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ шахсони зерин самти фаъолияти худро муайян намуданд:

- дотсенти кафедраи Ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД, н.и.ҳуқуқ, майори милитсия Мирзоев С.Б. мавзӯи рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Конституционное судопроизводство в Республики Таджикистан в контексте конституционного правосудия мирового сообщества» тасдиқ намуд (Протоколи № 11 аз 28 июни соли 2014);
- сардори факултети № 1 Академия, номзади илмҳои ҳуқуқ, полковнинки милитсия Раҷабов Р.М. мавзуи рисолаи доктории худро дар мавзуи «Правовая культура сотрудников милиции Республики Таджикистан: проблемы теории и практики»тасдиқ намуд (Протоколи № 3аз 31октябри соли 2014);
- муаллими калони кафедраи граждани-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД, капитани милитсия Қурбонов А.А. мавзуи рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Гражданско-прововая ответственность ОВД и их сотрудников за вред, причиненный субъектам гражданского права Республики Таджикистан» тасдиқ намуд (Протоколи № 1аз 28 августи соли 2014);
- сардори кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқулоддаи факултети № 5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Мирзоев

С.Қ. мавзӯи рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Ҳолати географии мавзеи Кули Сарез дар Тоҷикистон ва таъминоти бехатарии экологии он» («Географические условия района Сарезского озера в Таджикистане и обеспечение его экологической безопасности») тасдиқ намуд (Протоколи № 2аз 26сентябри соли 2014);

- омузгори кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии факултети № 4 Академия, лейтинанти калони милитсия Бобоев А.А. мавзуи рисолаи номзадии худродар мавзӯи «Организационно-юридические основы становления, развития и совершенствования ведомственной милиции Таджикистана в 1953-2016 гг.» тасдиқ намуд (Протоколи № 3аз 31 октябри соли 2014);

- муовини сардори факултети № 4 Академия, полковнинки милитсия Мухамадиев Н.Б. мавзуи рисолаи номзадии худродар мавзӯи «Воспитательная и патриотическая деятельность ОВД - как правовое и социальное явление (на примере МВД Республики Таджикистан) историко - правовое исследование» тасдиқ намуд (Протоколи № 3аз 31 октябри соли 2014);

- сардори кафедраи ФОҶ, полковники милитсия Қосимов Ф.М. бо ҳайси унвонҷӯ ба Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовиддинови АИ ҶТ қабул шуда, мавзӯи номзадии хешро «Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ» (Становление и развитие оперативно-розыскной деятельности в советском и постсоветском Таджикистане) бо ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат тасдиқ намудааст (протокол № 5 Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовиддинови АИ ҶТ аз 30 майи с.2014).

Дар умум, айни замон дар Академия **3** нафар докторантон, **9** нафар адъюнктон ва **18** нафар унвонҷӯён тадқиқотҳои диссертатсиониро амалӣ карда истодаанд.

**Самти дигари** иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотиро ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар, тренингҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ-тадқиқотӣ ташкил медиҳанд, ки дар соли ҳисоботӣ дар заминаи Академия доир гардиданд:

1) Конференсияҳои байналмилалӣ **2**
2) Конференсия ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ **4**
3) Конференсияҳои академиявӣ **7**
4) Семинар-машваратҳои илмӣ **8**
5) Мизи мудаввар **7**
6) Викторинаҳо **4**

Дар умум олимони Академия**108 маротиба** дар конференсияҳо, семинарҳоиилмӣ-назариявӣ, илмӣ-амалӣ, машваратҳои илмӣ, мизҳои мудаввар иштирок намудаанд.

Дар ин самт аз ҳама чорабиниҳои хотирмон инҳо буданд.

Дар санаи **17 апрели соли 2014** тибқи банди 27 Нақшаи баргузории машваратҳои илмӣ ва илмию техникӣ, конфронсҳо, симпозиумҳо, анҷуманҳо ва семинарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 январи с.2014 таҳти № 3 тасдиқ шудааст, дар Академияи ВКД конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар муқовимат бо коррупсия» баргузор гардид.

Дар кори конференсия сарвари идора ва мушовири минтақавии Раёсати СММ оид ба маводи муҳаддир ва ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон, намояндагони мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Раёсатҳои амнияти дохилӣ, тафтишотӣ ва Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил) ва намояндагони мактабҳои олии ҳуқуқии кишвар ширкат варзидаанд.

Бо мақсади боз ҳам мукаммал гардонидани муқовимат бо коррупсия механизми ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон баҳри кафолати ҳуқуқи инсон ва муборизаи беамон бар зидди ҷинояткорӣ конференсия тавсиянома қабул намуд.

Натиҷаи баргузории конференсияи мазкур дар омода намудани маҷаллаи илмӣ инъикоси худро ёфт. Дар маҷалла мақолаҳои илмӣ оид ба проблемаҳои актуалии асосҳои муқовимат бо коррупсия аз ҷониби олимони варзидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ҷамъоварӣ гардидаанд. Инчунин, дар маҷаллаи мазкур мақолаҳои илмии олимони ҷавон, аз қабили омӯзгорони Академияҳои мухталифи ҷумҳурӣ ҷой карда шудаанд (забонҳои маҷалла – русӣ ва тоҷикӣ; миқдори саҳифаи маҷалла – 69 саҳ.).

Инчунин, **санаи 21 майи соли 2014** тибқи банди 48 Нақшаи баргузории машваратҳои илмӣ ва илмию техникӣ, конфронсҳо, симпозиумҳо, анҷуманҳо ва семинарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 январи с.2014 таҳти № 3 тасдиқ шудааст, дар Академияи ВКД бахшида ба 20 солагии Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «20-соли амали Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон: нақши ҷавонон ҳамчун пойдевори ҷомеа ва ҳуқуқи инсон дар он» баргузор гардид.

Дар кори конференсия Вазири корҳои дохилӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, генерал-лейтенанти милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, ҳамчунин, намояндагони мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе ва намояндагони мактабҳои олии кишвар ширкат варзиданд.

Дар кори конференсияи мазкур масъалаҳои замина, марҳила ва хусусиятҳои хоси қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва гуманистии он, нақши Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими ҳокимияти судӣ, механизми миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон, Конститутсия ҳамчун сарчашмаи қонунгузории миллӣ, сиёсати давлатии ҷавонон дар замони истиқлолияти миллӣ, таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии зан ва оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавқеи суд аз рӯи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои байналмилалӣ,Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустасоси ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон, аҳамияти миллӣ ва байналмилалии Конститутсияи Тоҷикистон, баъзе муаммоҳо оид ба таъмини конститутсионии оғози ҳаёти инсон вобаста ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурор кафили таъмини меъёрҳои конститутсионӣва дигар масъалаҳо вобаста ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди баррасӣ қарор доштанд.

Аз ҷониби иштирокчиёни конференсия қайд гардид, ки Сарқонуни кишвар Тоҷикистонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати мустақили дорои низоми мукаммали сиёсиву ҳуқуқӣ муаррифӣ намуд, ки дар он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, барои шароити зиндагии арзанда ба ҳар шахс заминаҳои устувори иҷтимоиву иқтисодӣ гузошта шудаанд. Конститутсия барои аз байн бурдани хатаре, ки ба истиқлолияти давлатӣ таҳдид мекард, шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳайё карда, барои аз нобудӣ наҷот додани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва аз парокандагӣ раҳоӣ бахшидани миллати тоҷик асос гузошт, ҷиҳати расидан ба ваҳдати миллӣ таҳкурсии устувор гардид ва дар он марҳалаи ҳассоси таърихӣ барои гузоштани асосҳои аркони давлатдории тоҷикон нақши тақдирсозу ҳалкунанда бозид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳамаи талаботи стандарти байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, метавонад ба пуррагӣ ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро ҳифз намояд. Маҳз ба шарофати Конститутсия, мардуми шарифи Тоҷикистон барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоиро ихтиёр кард.

Ҳамчунин, дар **таърихи 11 октябри с.2014** дар ҳудуди Академияи ВКД конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои конститутсионии ҳолати муосири қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 20-солагии Конститусияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он мутахассисони ҳуқуқшинос аз муассисаҳои таълимӣ ва илмии Федератсияи Россия, Украина иштирок намуда, оид ба нақши Конститутсияи ҶТ дар ташаккули тартиби ҳуқуқии давлат, аҳамияти миллӣ ва байналмилалии Конститутсия, ҳамчунин, оид ба баъзе проблемаҳои масъулияти конститутсионии шаҳрвандон сухан ронданд.

Дар ҳамин конференсия барои хизматҳои шахсӣ дар назди Академияи ВКДҶумҳурии Тоҷикистон, саҳм дар рушди фаъолияти илмӣ ва таълимии он ва ҳамчун рамзи эътибори хизматҳои шоён ва ифодаи сипос бамутахассисони зерини хориҷӣ, ки барои рушду нумӯъ ва нуфузи Академия мусоидат мекунанд,унвони «Профессори фахрии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» дода шуд:

- мушовири сардори Академияи хизмати зиддисӯхтори давлатии Россия дар ш.Санкт-Петербургбуда, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия, генерал-лейтенанти милитсия Салников В.П.;
- сардори Донишкадаи ҳуқуқии хизмати Федералии иҷрои ҷазои ҷиноятии Россия дар ш.Самарабуда, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, генерал-майори хизмати дохилӣ Ромашов Р.А.;
- муовини аввали сардори Донишкадаи хизмати иҷрои ҷазои ҷиноятии Украина, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, аъзо-корреспонденти Академияи миллии илмҳои ҳуқуқии Украина Стетсенко С.Г.;
- профессори Академияи идоракунии ВКД Россия, доктори илмҳои ҳуқуқ, аъзо-корреспонденти Академияи умумироссиягии илмҳои табиӣ (РАЕН) Мулукаев Р.С.

Дар таърихи **03 декабри с. 2014** бо ташаббуси Вазорати корҳои дохилӣ, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Амрикоӣ дар Тоҷикистон ва Дафтари САҲА дар Тоҷикистон дар толори маҷмааи давлатии «Душанбе-Плаза», конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Дастовардҳо, проблемаҳо ва дурнамои инкишофи қонунгузории мурофиавии Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид.

Мақсади асосии гузаронидани конференсия ин ҷамъбасти илмию амалии таҷрибаи татбиқи панҷсолаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба шумор рафта, дар чорабинии мазкур намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассисони Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфаттишон ва таҳқиқбарандагони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, адвокатҳои ҷумҳурӣ, олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон, олимони давлатҳои ИДМ (Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорус, Украина), намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ иштирок намуданд.

Чӣ хеле, ки маълум аст, яке аз усулҳои асосии муаррифӣ намудани дастовардҳои илмии олимон дар сатҳи байналмилалӣ ин иштироки

пайвастаи онҳо дар конференсияю симпозиумҳои чунин сатҳ махсуб мегардад. Дар ин самт фаъолияти омӯзгорони Академия хеле назаррас буда, онҳо дар чандин конференсия ва симпозиумҳои байналмилалӣ иштирок намуда, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад карданд (ш.Минск (Ҷумҳурии Белорус), ш.Боку (Озорбойҷон), ш.Москва (Россия), ш.Куала-Лумпур (Малайзия), ш.Газиёбод (Ҷумҳурии Ҳиндустон), ш.Вена (Австрия), ш.ш.Теҳрон, Қум, Исфахон (Ҷумҳурии Исломии Эрон), ш.ш.Пекин, Сямень (Ҷумҳурии Халқии Чин).

Оид ба иштирок намудан дар конференсияи байналмилалие, ки дар ш.Куала-Лумпур (Малайзия) санаи 21-24 апрели соли 2014 гузаронида шуда буд, бояд гуфт, ки чорабинии мазкур аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии Академияҳои политсия (INTERPA) ташкил ва баргузор гардид. Ин Ассотсиатсия бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият байни Академияҳои политсияи минтақаи Евро-Осиё дар самти тайёр намудани мутахассисон ва мубодилаи таҷрибаи пешқадам бо ташаббуси Академияи политсияи Туркия созмон дода шудааст. Чорабиниҳо оид ба имзокунии Протокол вобаста ба ин масъала дар санаи 30 июни с.2011 дар ш.Анқараи Туркия ба имзо расида буд. Дар конференсияи мазкур сардори Академияи ВКД, доктори имлҳои ҳуқуқ, профессор Ҷ.З.Маҷидзода ва мушовири сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқ Мирзоев С.Б. иштирок намудаанд. Конференсия барои мустаҳкам намудани муносибатҳои дӯстона байни муассисаҳои таълимии политсияи минтақаи Евро-Осиё ҷиҳати ривоҷи илмӣ ва робитаҳои таълимӣ заминаи хубе гузошт.

Дар маҷмӯъ, аз тарафи ҳайати профессорону устодон, кормандони илмӣ, докторантон, адъюнктон ва аспирантони Академия дар **беш аз 100** конференсияю семинарҳо, мизи мудаввару ҷаласаҳои дараҷаҳои гуногун ҷӣ ба ҳайси маърӯзачиён ва ҷӣ ба ҳайси иштироккунандагон ширкат намудаанд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки бо кӯмаки моддии Хазинаи Ҳанс Зайдел, ки бо он Академияи ВКД ҳамкории тӯлонӣ дорад, сардори Академияи ВКД, генерал-майори милитсия Ҷ.З.Маҷидзода ва сарнозир оид ба робитаҳои байналмилалӣ, лейтенанти милитсия Буриев Ф.А. ба ш.Анқара (Туркия) вобаста ба ҳамкории манбаъдаи Академияи ВКД Тоҷикистон ва Академияи миллии политсияи Туркия дар соҳаи тайёр намудани кормандони политсия ва фаъолияти илмӣ сафар намуда (4-9 марти с.2014), Созишнома оид ба ҳамкории дуҷониба дар самти илмӣ ва таълимӣ ба имзо расида шуд. Акнун омӯзгорони Академияи ВКД метавонанд дар Академияи миллии политсияи Туркия (ш.Анқара) таҳсил намоянд.

Ҳамчунин, санаи 17-23 ноябри соли ҷорӣ, гурӯҳи кории ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академия ба ш.Бамбергӣ Олмон сафар намуда буд. Ин чорабинӣ мувофиқи Нақшаи номбурда гузаронида шуда, тамоми хароҷоти ба таҷрибаомӯзии мазкур алоқамандбуда аз ҳисоби Фонди Ҳанс Зайдел (Олмон), пардохт карда шуда буд.

Гурӯҳи коршиносон аз сардори Раёсати назоратӣ-ташкилии ВКД ҶТ, генерал-майори милитсия Ҷ.Кабирзода, муовини сардори Академияи ВКД, полковники милитсия Солиев К.Ҳ. ва сардори факултети № 5 Академияи ВКД, полковники милитсия Саидов З.А. иборат буд. Мақсади сафар дар аз худ намудани таҷрибаи бойи фаъолияти политсияи омодагии Бавария ҷиҳати татбиқи Стратегияи ислоҳоти милитсияи Тоҷикистон, омӯзонидани таҷрибаи тайёр намудани кадрҳо барои политсия ва муҳокимаи ҳамкориҳои минбаъда буд.

Дар давраи ҳисоботӣ курсантон дар баробари аз худ кардани нақшаи таълимӣ дар самтҳои гуногун фаъолияти илмӣ-тадқиқотиро анҷом дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.Иштироки омӯзгорон ва курсантон дар **озмунҳои** байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ ва дар мусобиқаҳои варзишӣ доиргардида низ хеле назаррас буд.Курсантони Академияи ВКД дар конференсияҳои донишҷӯён ҳам дар дохили ҷумҳурӣ ва ҳам дар берун аз он фаъолона иштирок намудаанд:

**Дастовардҳои хотирмон дар ин самт инҳоянд:**

- курсанти курси 4 факултети № 2, сержанти хурди милитсия Муродов Ф.А. дар озмуни байналмилалӣ таҳти унвони«Актуальные вопросы защиты участников уголовного судопроизодства: повышение эффективности деятельности подразделений по обеспечению безопасности лиц, подлежащих государственной защите», **оид ба кори беҳтарини илмӣ-тадқиқотӣ байни курсантон ва шунавандагон**, ки дар ш.Уфа (Федератсияи Россия) баргузор гардид, бо кори илмӣ-тадқиқотӣ **дар мавзӯи** «Уголовно-процессуальные аспекты совершенствования Закона Республики Таджикистан о государственной защите участников уголовного судопроизводства и создание специализированного бюро по государственной защите» **иштирок намуда**, дар натиҷа **соҳиби дипломи дараҷаи II гашт** (роҳбари илмӣ – Юлдошев Р.Р., сардори ШТИваТН, дотсенти кафедраи мурофиаи ҷиноятии Академия). Ташкилкунандаи ин маърака Донишкадаи ВКД Россия дар ш.Уфа буд ва он аз 30 июл (1 давр) то 15-16 октябри с.2014 (2 давр) гузаронида шуда буд;

- курсанти курси 2 факултети № 2 Бобомуродов А. дар **мизи мудаввари байналмилалии донишҷӯӣ** таҳти унвони «Масъалаи амнияти мамлакатҳои Евроосиёи Марказӣ дар шароити муосир: тамоюл ва нуқтаи назар оид ба таъмин намудани устуворӣ» (ш.Душанбе, 28 марти с.2014) **бо маърӯза дар мавзӯи** «Проблемы обеспечения национальной безопасности Республики Таджикистан в контексте современных внутренних вызовов и угроз» баромад намуд (Ташкилкунандагон - Донишгоҳи Россиягии-Тоҷикистон (славянӣ), Сафоратхонаи Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- курсанти курси 2 факултети № 2 Холбашева М. дар *мизи мудаввари байналмилалии донишҷӯӣ* таҳти унвони «Масъалаи амнияти мамлакатҳои Евроосиёи Марказӣ дар шароити муосир: тамоюл ва нуқтаи назар оид ба таъмин намудани устуворӣ» (ш.Душанбе, 28 марти

